**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-050 назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) — доктор аз рӯйи ихтисос**

(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295)

Парвандаи аттестатсионии № __________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 4-уми июли соли 2026, № 7.

Барои сазовор донистани Рамазонзода Наргис Рамазон (Файзова Наргис Рамазоновна) ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D073302 - Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом.

Диссертатсияи Рамазонзода Наргис Рамазон (Файзова Наргис Рамазоновна) дар мавзуи «Мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) — доктор аз рӯйи ихтисоси 6D073302 - Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом ба ҳимоя қабул карда шуд, протоколи № 4 аз 24-уми апрели соли 2026, дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-050 назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 63/3.

**Маълумот дар бораи довталаб**

Довталаби дараҷаи илмӣ Рамазонзода Наргис Рамазон санаи таваллуд 06.06.1997, шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳиби таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

Рамазонзода Наргис Рамазон соли 2015 ба Донишгоҳи давлатии Данғара аз рӯйи ихтисоси 1-5000101 — «Ресидани нахи табиӣ» дохил шуда, онро соли 2019 хатм намудааст.

Солҳои 2019–2021 дар магистратураи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 1-54010104 - «Метрология, стандартизатсия ва сертификатсия (саноати сабук)» таҳсил намудааст.

Аз соли 2021 то соли 2024 дар зинаи докторантураи (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D073302 - Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳсил кардааст.

Бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 29-уми ноябри соли 2021, №4 мавзуи илмӣ ва роҳбари илмии ӯ тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи технологияи маснуоти нассоҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иҷро шудааст. Айни замон довталаб дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур ба вазифаи ассистенти кафедраи физиологияи растанӣ, биотехнология ва пиллапарварӣ фаъолият менамояд.

Рисолаи диссертатсионии Рамазонзода Наргис Рамазон аз муқаддима, 4 боб, хулоса, тавсияҳо ва 174 номгӯи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми

умумии кор 161 саҳифаи матни компютериро ташкил дода, дар он 41 расм ва 17 ҷадвал оварда шудааст.

Роҳбари илмӣ: Ишматов Аскар Бозорович, доктори илмҳои техникӣ, профессор, профессори кафедраи технологияи маснуоти нассоҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- Муҳиддин Зайниддин Қамар, доктори илмҳои химия, профессор, мудири озмоишгоҳи пайвастаҳои фаромолекулӣ ва фаъоли биологии Институти химия ба номи В.М. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- Иззатов Миралӣ Валиевич, номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи технология ва таҷҳизоти саноати нассоҷии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ.

Муассисаи пешбар: Маркази ҷумҳуриявии илмию таҳқиқотии пиллапарварии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби номзади илмҳои кишоварзӣ Шарифов Сафаралӣ Раҷабович омода гардида, дар ҷаласаи Шурои олимони Маркази ҷумҳуриявии илмию таҳқиқотии пиллапарварии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ шудааст, протоколи №6 аз 16 июни соли 2026. Тақриз 18 июни соли 2026 аз ҷониби муовини директори Марказ Марупов Ҷ.А. тасдиқ гардидааст.

**Мубрамӣ ва мувофиқати мавзуъ ба ихтисос**

Мавзуи диссертатсия ба яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи саноати сабук ва кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон — мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешими табиӣ бахшида шудааст. Кирмакпарварӣ ва коркарди пилла барои таъмини корхонаҳои нассоҷӣ бо ашёи хоми маҳаллӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот, ташкили ҷойҳои нави корӣ, эҳёи анъанаҳои абрешимбофӣ ва афзоиши иқтидори содиротии кишвар аҳамияти муҳим доранд.

Дар шароити рушди саноати миллӣ истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ, кам намудани талафоти ашёи хом, татбиқи технологияҳои кампартов, баланд бардоштани сифати пилла ва коркарди комплексии маҳсулоти асосӣ ва иловагии кирмакпарварӣ аз масъалаҳои афзалиятнок ба ҳисоб меараванд. Аз ин рӯ, мавзуи интихобшуда аз ҷиҳати илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мубрам мебошад.

Мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D073302 — Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом мувофиқат менамояд, зеро дар он равандҳои истеҳсол ва коркарди аввалияи пилла, омилҳои таъсиррасон ба сифати ашёи хом, коркарди маҳсулоти нассоҷӣ, истифодаи маҳсулоти иловагӣ ва партовҳо, инчунин арзёбии технологӣ ва иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқ баррасӣ шудаанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ**

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 13 кори илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, 6 мақола ва маърӯза дар маводи конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр гардидаанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 1 нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — TJ №1522 «Нурии органикию минералии комплексӣ» ба даст оварда шудааст. Мазмун ва муҳтавои интишороти илмӣ самтҳои асосии диссертатсия, аз ҷумла масъалаҳои мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешими табиӣ, баланд бардоштани сифати пилла, истифодаи маҳсулоти иловагӣ ва партовҳои кирмакпарварӣ, истеҳсоли матоъҳои абрагӣ ва арзёбии иқтисодии пешниҳодҳоро фаро мегирад.

Интишороти мазкур аз апробатсияи натиҷаҳои таҳқиқот дар муҳити илмӣ ва истеҳсолӣ шаҳодат дода, саҳми шахсии довталабро дар таҳияи масъала, таҳлили маълумот, коркарди натиҷаҳо ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ инъикос менамоянд.

**Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат**

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳои зерин ворид гардиданд:

1. Тақризи муқарризи расмӣ Муҳиддин Зайниддин Қамар - доктори илмҳои химия, профессор, мудири озмоишгоҳи пайвастаҳои фаромолекулӣ ва фаъоли биологии Институти химия ба номи В.М. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - мусбат.

2. Тақризи муқарризи расмӣ Иззатов Миралӣ Валиевич - номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи технология ва таҷҳизоти саноати нассоҷии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ - мусбат.

3. Тақризи муассисаи пешбар - Маркази ҷумҳуриявии илмию таҳқиқотии пиллапарварии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон - мусбат.

4. Тақриз ба автореферат аз ҷониби Владимирсева Е.Л. – д.и.т., профессор - мусбат.

5. Тақриз ба автореферат аз ҷониби Набиева И.А. – д.и.т., профессор - мусбат.

6. Тақриз ба автореферат аз ҷониби Насимова М. – н.и.т. - мусбат.

7. Тақриз ба автореферат аз ҷониби Салимҷонов С. – д.и.к., ходими пешбари илмии Маркази ҷумҳуриявии илмию таҳқиқотии пиллапарварии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон - мусбат.

**Фикру мулоҳизаҳои танқидӣ ва эродҳои воридшуда**

Дар тақризҳои муқарризони расмӣ, муассисаи пешбар ва тақризҳо ба автореферат, дар баробари баҳои мусбат, эродҳо ва пешниҳодҳои зерин баён гардиданд:

1. Аз ҷониби муассисаи пешбар пешниҳод гардид, ки ҳангоми интихоби реҷаи беҳтарини технологияи истеҳсол ва коркарди аввалияи пилла нишондиҳандаҳои асосии қабулшуда - ҳарорат, намнокии ҳаво, сифати барги тут, муҳлати парвариш ва хусусиятҳои пилла - муфассалтар шарҳ дода шаванд ва таъсири ҳар кадоми онҳо ба сифати пилла равшантар нишон дода шавад.

2. Муассисаи пешбар ҳамчунин қайд намуд, ки дар кори диссертатсионӣ истифодаи маҳсулоти иловагӣ ва партовҳои кирмакпарварӣ ҳамчун роҳи баланд бардоштани самаранокии истеҳсол арзёбӣ шудааст, аммо аз байни зоча, пиллаҳои нуқсондор, серитсин ва дигар партовҳо кадом намуд аз ҷиҳати технологӣ ва иқтисодӣ бештар самаранок мебошад ва барои коркарди саноатии он кадом пайдарҳамии технологӣ пешниҳод мегардад, бояд мушаххастар нишон дода шавад.

3. Дар тақризи муассисаи пешбар нисбат ба ҷадвали 3.3 эрод оварда шудааст, ки натиҷаҳои муайян намудани намнокии пиллаҳо пешниҳод гардидаанд, аммо бояд дақиқ карда шавад, ки таҳқиқот нисбат ба пиллаҳои зинда ё пиллаҳои хушк гузаронида шудааст, намнокӣ бо кадом усул ва таҷҳизот муайян гардидааст ва саҳеҳии натиҷаҳо бо чанд такрори таҷриба ва кадом усули коркарди оморӣ таъмин шудааст.

4. Муассисаи пешбар инчунин пешниҳод намудааст, ки ҳангоми татбиқи технология дар минтақаҳои дигар ва дар корхонаҳои дорои иқтидорҳои гуногун таъсири тағйирёбии нархи ашёи хом, неруи барқ ва музди меҳнат ба мӯҳлати бозгашти хароҷот ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ таҳлил карда шавад.

5. Муқарризи расмӣ Иззатов М.В. қайд намуд, ки дар диссертатсия равандҳои технологияи истеҳсол ва коркарди пилла муфассал таҳлил шудаанд, аммо дар зербоби 3.5, махсусан дар саҳифаҳои 106–114, ки ба таҳқиқи технологияи истеҳсоли матоъҳои абрагӣ дар мисоли ҶСК «Пиллаи тоҷик» бахшида шудааст, тавсифи техникии таҷҳизоти бофандагӣ, иқтидори кории онҳо, дараҷаи истифодабарӣ ва таъсири ин омилҳо ба сифати матоъҳои атласу адрас васеътар пешниҳод нагардидааст.

6. Дар тақризи Иззатов М.В. таъкид шудааст, ки дар қисми марбут ба истеҳсоли матоъҳои абрагӣ масъалаҳои технологӣ нишон дода шудаанд, вале хуб мебуд, ки нишондиҳандаҳои сифатии матоъҳои истеҳсолшуда бо талаботи стандартҳои амалкунанда, намунаҳои саноатӣ ва маҳсулоти шабеҳи истеҳсолкунандагони дигар муқоиса карда мешуданд.

7. Иззатов М.В. дар бораи боби чорум, махсусан саҳифаҳои 118–123, эрод пешниҳод намудааст, ки самаранокии иқтисодии тавсияҳо ҳисоб ва асоснок карда шудааст, аммо мӯҳлати бозгашти сармоягузорӣ, дараҷаи хавфҳои истеҳсолӣ ва таъсири тағйирёбии нархи ашёи хом, қувваи барқ ва музди меҳнат ба натиҷаҳои иқтисодӣ муфассал таҳлил нашудааст.

8. Муқарризи расмӣ Иззатов М.В. инчунин қайд намудааст, ки масъалаи истифодаи партовҳои кирмакпарварӣ ҳамчун самти муҳим пешниҳод шудааст, аммо нақшаи мушаххаси технологии коркарди ҳар як навъи партов, аз ҷумла зоча, пиллаҳои нуқсондор ва партовҳои боқимондаи истеҳсолӣ, пурра таҳия карда нашудааст.

9. Дар тақризи Иззатов М.В. эрод шудааст, ки қисмати тавсияҳо оид ба такмили раванди парвариши кирмак, баланд бардоштани сифати пилла, истифодаи

самараноки партовҳо ва ҷорӣ намудани технологияи истеҳсоли матоъҳои абрагӣ дар шакли тавсияномаи технологӣ ё дастури кӯтоҳи истеҳсолӣ мушаххастар ифода карда нашудааст.

10. Муқарризи расмӣ Муҳиддин З.Қ. пешниҳод намудааст, ки таҳлили химиявии тағйирёбии таркиби сафедаҳои пилла — серитсин ва фиброин, ки асоси нахи абрешимро ташкил медиҳанд, дар марҳилаҳои гуногуни коркарди пилла ва шароити истеҳсол, аз ҷумла вобаста ба намнокӣ, метавонад мазмуни илмии корро боз ҳам ғанӣ гардонад.

11. Муҳиддин З.Қ. ҳамчунин қайд намудааст, ки дар қисмати истифодаи партовҳои кирмакпарварӣ самтҳои асосии истифодабарӣ нишон дода шудаанд, вале таҳлили таркиби химиявӣ, хусусиятҳои физикӣ-механикии нахи пилла ва имкониятҳои истифодаи саноатии зоча, серитсин ва дигар маҳсулоти дорои арзиши иловагӣ бояд васеътар баррасӣ мегардид.

12. Дар тақризи Муҳиддин З.Қ. ба боби чорум ишора шудааст, ки самаранокии иқтисодӣ аз чорабиниҳои пешниҳодшуда ҳисоб гардидааст, аммо таъсири тағйирёбии нархи ашёи хом, қувваи барқ, музди меҳнат ва хароҷоти хизматрасонии таҷҳизот ба самаранокии умумии истеҳсол дақиқ инъикос наёфтааст.

13. Муҳиддин З.Қ. нисбат ба ҷадвали 4.1 ва ҳисобҳои иқтисодии хоҷагии пиллапарварии Сангтӯдаи ноҳияи Данғара қайд намудааст, ки ҳангоми муайян намудани самаранокии шартии солона аз рӯйи формулаи 4.20 таъсири тағйирёбии арзишҳои асосии хароҷот ба натиҷаи ниҳоии иқтисодӣ ба таври кофӣ нишон дода нашудааст.

14. Муқарризи расмӣ Муҳиддин З.Қ. инчунин қайд намудааст, ки дар матни диссертатсия баъзан мафҳумҳои технологӣ такрор шудаанд ва дар баъзе мавридҳо зарурати таҳрири услубии ҷудогона ба назар мерасад.

15. Дар тақризи Владимирсева Е.Л. ба автореферат пешниҳод шудааст, ки ҳангоми пешниҳод намудани натиҷаҳои муайянкунии намнокии пилла методикаи ченкунӣ, навъи таҷҳизоти истифодашуда, шумораи такрори таҷрибаҳо ва усули коркарди омории маълумот мушаххастар оварда шавад.

16. Дар тақризи Набиева И.А. пешниҳод шудааст, ки барои тасдиқи равшантари самаранокии чорабиниҳои пешниҳодшуда дар автореферат ҷадвали муқоисавии нишондиҳандаҳои сифатии пилла ва абрешими хом то ва баъд аз такмили реҷаҳои технологӣ оварда шавад.

17. Насимова М.М. пешниҳод кардааст, ки дар автореферат натиҷаҳои ченкунии намнокии пилла оварда шудаанд, аммо усули муайянкунӣ, номи таҷҳизоти истифодашуда ва шумораи такрори таҷрибаҳо мушаххастар нишон дода шаванд; ҳамчунин дар қисми истеҳсоли матоъҳои абрагӣ муқоисаи хусусиятҳои сифатии матоъҳои истеҳсолшуда бо талаботи стандартҳои амалкунанда аҳамияти зиёд дорад.

18. Насимова М.М. инчунин қайд намудааст, ки дар ҳисобҳои иқтисодӣ нишон додани муҳлати бозгашти сармоягузорӣ ва таҳлили ҳассосияти натиҷаҳо нисбат ба

тағйирёбии арзиши ашёи хом, неруи барқ ва музди меҳнат асоснокии иқтисодии пешниҳодҳоро пурратар мегардонад.

19. Салимҷонов С. пешниҳод кардааст, ки дар автореферат нишондиҳандаҳои сифати пилла ва абрешими хом пеш ва баъд аз татбиқи тавсияҳои муаллиф дар шакли ҷадвали муқоисавӣ оварда шаванд; дар ҷадвали 2.1 диапазони намнокии хонаҳои парвариши кирмак 80–85% ва 85–90% норавшан ифода гардидааст; ҳамчунин дар матн баъзе хатогиҳои грамматикӣ ҷой доранд.

Эродҳо ва мулоҳизаҳои зикршуда асосан хусусияти тавсиявӣ доранд, ба сатҳи илмӣ, навгонии таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо таъсири манфии ҷиддӣ намерасонанд. Довталаб дар ҷараёни муҳокима ва ҳимоя ба саволҳо ва эродҳои муқарризони расмӣ, муассисаи пешбар ва тақриздиҳандагони автореферат ҷавобҳои асоснок дода, нишон дод, ки эродҳо дар корҳои минбаъда ва ҳангоми такмили тавсияҳои технологӣ ба назар гирифта мешаванд.

Ихтисоси муқарризони расмӣ ва самти фаъолияти илмии муассисаи пешбар ба мавзуъ, мухтаво ва натиҷаҳои диссертатсия мувофиқат менамоянд.

**Натиҷаҳои асосии илмӣ, ки аз ҷониби довталаб ба даст оварда шудаанд**

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқи илмӣ натиҷаҳои зерин ба даст оварда шуданд:

**Коркард карда шуд:**

- консепсияи илмӣ-технологии мукаммалгардонии занҷири истеҳсол ва коркарди абрешими табиӣ дар пайдарҳамии «базаи ғизоии кирмак - парвариши кирмак - истеҳсоли пилла - коркарди аввалия - абрешими хом - маҳсулоти нассоҷӣ», ки шароити табиию иқлимӣ ва истеҳсолии минтақаи Хатлонро ба назар мегирад;
- равиши комплексӣ ба истифодаи маҳсулоти асосӣ, маҳсулоти иловагӣ ва партовҳои кирмакпарварӣ ҳамчун манбаи баланд бардоштани самаранокии технологӣ ва иқтисодии истеҳсол;
- тавсияҳои технологӣ оид ба омодасозии базаи ғизоӣ, мутобиқ намудани муҳлати тақсимоти тухми кирмак, назорати шароити парвариш, ҷамъоварӣ, қабул, хушккунӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди аввалияи пилла;
- тартиби истифодаи маҳсулоти иловагӣ ва партовҳои кирмакпарварӣ, аз ҷумла баргу шохаҳои тут, зоча, пиллаҳои нуқсондор, партовҳои абрешимӣ ва манбаъҳои дорои серитсин, барои ба даст овардани маҳсулоти дорои арзиши иловагӣ;
- методикаи арзёбии технологию иқтисодии қарорҳои пешниҳодшуда дар шароити хоҷагиҳои пиллапарварӣ ва корхонаҳои коркарди аввалияи пилла.

**Пешниҳод шудааст:**

- ба роҳ мондани низоми ягонаи идоракунии сифат дар тамоми марҳилаҳои истеҳсол ва коркарди пилла, ки дар он сифати ҳар як марҳила ба самаранокии марҳилаи минбаъда таъсир мерасонад;

- истифодаи оқилонаи захираҳои маҳаллӣ ва татбиқи принсипҳои технологияҳои кампартов барои кам намудани талафоти ашёи хом ва баланд бардоштани арзиши иловашудаи маҳсулоти кирмакпарварӣ;

- ҷорӣ намудани чорабиниҳои беҳтарсозии реҷаҳои парвариш ва коркарди аввалияи пилла бо мақсади баланд бардоштани сифати абрешими хом ва устувории равандҳои истеҳсолӣ;

- истифодаи партовҳои кирмакпарварӣ барои истеҳсоли маҳсулоти иловагӣ, аз ҷумла нурии органикию минералии комплексӣ, ки бо нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз шудааст;

- истифодаи иқтидорҳои мавҷудаи корхонаҳои соҳавӣ, аз ҷумла ҶСК «Пиллаи тоҷик», барои истеҳсоли матоъҳои абрагӣ ва васеъ намудани самтҳои коркарди абрешими табиӣ.

**Исбот шудааст:**

- сифати пилла ва натиҷаи коркарди аввалия ба ҳолати базаи ғизоӣ, сифати барги тут, ҳарорат, намнокии ҳаво, реҷаи ғизодиҳӣ, муҳлати парвариш, шароити нигоҳдорӣ ва тарзи омодасозии пилла ба коркард вобастагии мустақим доранд;

- мукаммалгардонии танҳо як марҳилаи алоҳида барои баланд бардоштани самаранокии соҳа кифоя набуда, зарурати ҳамоҳангсозии тамоми занҷири технологӣ аз парвариши кирмак то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ба миён меояд;

- истифодаи пурра ва амиқи маҳсулоти асосӣ ва иловагии кирмакпарварӣ барои кам намудани талафоти ашёи хом, зиёд намудани арзиши иловашуда ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии хоҷагиҳо мусоидат мекунад;

- механиконидани раванди истеҳсоли матоъҳои абрагӣ имконият медиҳад, ки маҳсулнокӣ нисбат ба усули дастӣ зиёд гардида, мутобиқи натиҷаҳои дар диссертатсия овардашуда, маҳсулнокии дастгоҳи АТ-100-5М ба 7–10 м²/соат расад, дар ҳоле ки усули дастӣ 0,5–1,0 м²/соатро ташкил медиҳад;

- самаранокии иқтисодии чорабиниҳои пешниҳодшуда дар ҳисобҳои муаллиф бо самаранокии шартии солона дар хоҷагӣ ба андозаи 182 545 сомонӣ, таъсири эҳтимолӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ба андозаи 1 217 210 сомонӣ ва афзоиши даромаднокӣ ба андозаи 7,8 банди фоизӣ асоснок карда шудааст.

**Имконияти истифодаи натиҷаҳо дар оянда нишон дода шуд:**

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар хоҷагиҳои пиллапарварӣ, корхонаҳои коркарди аввалияи пилла, истеҳсолоти абрешимресӣ ва бофандагии матоъҳои абрагӣ истифода шаванд;

- тавсияҳои пешниҳодшуда барои ташкили корҳои таҷрибавӣ, таҳияи дастурҳои технологӣ, такмили реҷаҳои истеҳсолӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии корхонаҳои соҳавӣ замина фароҳам меоранд;

- маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотии минбаъда ва таҳияи барномаҳои рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди абрешим истифода шуда метавонад.

**Ҷорӣ намудани натиҷаҳо:**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар мисоли хоҷагиҳои пиллапарварии ноҳияи Данғара ва равандҳои истеҳсолии ҶСК «Пиллаи тоҷик» санҷида ва арзёбӣ гардида, барои истифода дар хоҷагиҳои пиллапарварӣ ва корхонаҳои коркарди пилла тавсия шудаанд;

- натиҷаи марбут ба истифодаи партовҳои кирмакпарварӣ барои истеҳсоли нурии органикию минералии комплексӣ бо нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон TJ №1522 ҳифз гардидааст;

## Аҳамияти назариявӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқ

Аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия истеҳсол ва коркарди абрешими табиӣ ҳамчун низоми ягонаи технологӣ баррасӣ гардида, робитаи байни омилҳои агробиологӣ, табиӣ-иқлимӣ, технологӣ ва иқтисодӣ муайян ва асоснок карда шудааст. Чунин муносибат тасаввуроти илмиро оид ба таъсири базаи ғизоӣ, шароити парвариш, сифати пилла ва реҷаҳои коркарди аввалия ба натиҷаи ниҳоии истеҳсол пурра менамояд.

Дар масъалагузории диссертатсия самаранок истифода бурдани усулҳои таҳлили манбаъҳои илмӣ, мушоҳидаҳои саҳроӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти истеҳсолӣ, таҳлили технологӣ ва ҳисобҳои иқтисодӣ нишон дода шудааст. Дар асоси ин усулҳо хусусиятҳои раванди истеҳсол ва коркарди пилла дар шароити воқеии хоҷагиҳои пиллапарварӣ ва корхонаҳои соҳавӣ муайян гардиданд.

Аҳамияти амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки тавсияҳои муаллиф барои беҳтар намудани ташкил ва идоракунии истеҳсол, баланд бардоштани сифати пилла, кам намудани талафоти ашёи хом, истифодаи самараноки партовҳо ва истеҳсоли маҳсулоти нассоҷии дорои арзиши иловагӣ равона шудаанд.

Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳо дар баланд бардоштани даромаднокии хоҷагиҳои пиллапарварӣ, кам намудани хароҷоти технологӣ, беҳтар истифода бурдани иқтидорҳои истеҳсолӣ, ба даст овардани маҳсулоти иловагӣ аз партовҳо ва зиёд намудани арзиши иловашуда дар занҷири истеҳсоли абрешим ифода меёбад.

Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқ дар рушди шуғли аҳолии деҳот, фаъолгардонии хоҷагиҳои кирмакпарварӣ, эҳёи анъанаҳои истеҳсоли абрешим, дастгирии истеҳсолоти маҳаллӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии маҳсулоти абрешимӣ зоҳир мегардад.

## Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳо

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо истифодаи маълумоти илмӣ ва истеҳсолӣ, таҳлили ҳолати воқеии соҳа, гузаронидани мушоҳидаҳои саҳроӣ, омӯзиши шароити парвариш ва коркарди пилла, истифодаи усулҳои таҳлили технологӣ ва иқтисодӣ, инчунин муқоисаи натиҷаҳои бадастомада бо нишондиҳандаҳои амалии хоҷагиҳо ва корхонаҳои соҳавӣ таъмин гардидааст.

Натиҷаҳои асосӣ дар ҷадвалҳо, расмҳо ва ҳисобҳои диссертатсия инъикос ёфта, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқот мантиқан бармеоянд. Автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, дар он мақсад, вазифаҳо, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ, натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва маълумот оид ба интишороти илмӣ ба таври пайдарҳам пешниҳод шудаанд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳо нишон медиҳад, ки онҳо барои корҳои таҷрибавӣ, истеҳсолӣ ва таълимӣ қобили истифода буда, натиҷаҳои мусбати бадастомада дар шароити воқеии истеҳсол асоснок карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ**

Саҳми шахсии Рамазонзода Наргис Рамазон (Файзова Наргис Рамазоновна) аз интихоби самти таҳқиқот, асоснок намудани мавзуъ, муайян кардани мақсад ва вазифаҳо, таҳлили манбаъҳои илмӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти саҳроӣ ва истеҳсолӣ, омӯзиши шароити воқеии хоҷагиҳои пиллапарварӣ ва корхонаҳои коркарди пилла, таҳияи тавсияҳои технологӣ ва арзёбии иқтисодии натиҷаҳо иборат мебошад.

Довталаб мустақилона вазъи истеҳсол ва коркарди абрешими табииро дар шароити вилояти Хатлон таҳлил намуда, омилҳои таъсиррасон ба сифати пилла, масъалаҳои коркарди аввалия, истифодаи маҳсулоти иловагӣ ва партовҳои кирмакпарварӣ, инчунин имконияти истеҳсоли матоъҳои абрагиро дар шароити корхонаи соҳавӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар интишороти муштарак саҳми довталаб дар ҷамъоварии маълумот, таҳлили натиҷаҳои таҷрибавию истеҳсолӣ, шарҳу тафсири натиҷаҳо, таҳияи хулосаҳо, асоснок намудани тавсияҳои амалӣ ва омодасозии мақолаҳо ифода ёфтааст.

**Мутобиқат ба талаботи муқарраргардида**

Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор, мазмун, ҳаҷм, тартиби пешниҳоди натиҷаҳо, истифодаи ҷадвалҳо ва расмҳо, овардани хулосаҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Кори диссертатсионӣ дорои муқаддима, чор боб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати интишороти илмии довталаб, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо буда, қисматҳои он бо пайдарҳамии мантиқӣ ва мутобиқ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот таҳия гардидаанд.

Натиҷаҳои диссертатсия навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, дар маҷмӯъ ба ҳалли масъалаи муҳимми мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешими табиӣ равона гардидаанд.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки диссертатсияи Рамазонзода Наргис Рамазон (Файзова Наргис Рамазоновна) дар мавзуи «Мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешим» кори илмии мустақил, анҷомёфта ва дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Қарори шурои диссертатсионӣ**

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 4-уми июли соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки Рамазонзода Наргис Рамазон (Файзова Наргис Рамазоновна) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D073302 - Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 3 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия. Овоз доданд: тарафдор 15, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - 1.

Бо назардошти натиҷаҳои овоздиҳӣ, хулосаҳои мусбати муқарризони расмӣ, муассисаи пешбар, тақризҳои воридшуда ба автореферат, ҷавобҳои асосноки довталаб ба саволҳо ва эродҳо, инчунин мутобиқати кори диссертатсионӣ ба талаботи муқарраргардида, шурои диссертатсионӣ қарор менамояд:

1. Диссертатсияи Рамазонзода Наргис Рамазон (Файзова Наргис Рамазоновна) дар мавзуи «Мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешим» кори илмии мустақил, анҷомёфта ва ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ эътироф карда шавад.

2. Рамазонзода Наргис Рамазон (Файзова Наргис Рамазоновна) ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D073302-— Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом сазовор дониста шавад.

3. Хулосаи мазкур барои баррасӣ ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
д.и.т., дотсент — Ғафорзода А.А.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ — Олимбойзода П.А.

4.07.2026